*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)*

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст.

Рушди иқтисодӣ ба ташаккули сохтори нави ташкилӣ ва институтсионалӣ нигаронида шудааст. Яке аз шаклҳои сифатан нави талаботи иқтисодӣ ин иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ мебошад, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро нишон медиҳад.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқотиро дуруст шарҳ дода, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, навгониҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳо як ҷузъи томро ташкил менамоянд (саҳ.3-4).

Қайд шудааст, ки иқтисодиёти шабакавӣ шакли хоҷагидориест, ки фаъолияти он ва истифодаи телекоммуникатсияи рақамӣ (шабакаҳои электронӣ) самаранокии баланди иқтисодиро таъмин менамояд (саҳ.8).

Назарияи иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ низ хусусият ва хислатҳои низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии асри XXI-ро тавсиф дода, асоси ҷомеаи иттилоотии «иқтисодиёти шабакавӣ» мебошад (саҳ.9).

Муаллифи диссертатсия фаъолияти самараноки соҳибкории шабакавии минтақаро дар мисоли ҶДММ «Арғумони Суғд» (соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ва соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат), ҶДММ «Аниси Хуҷанд» (соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат), ҶДММ «ОАЗИС Сайфи Қозиев», ҶДММ «ОАЗИС Солиев С.К.», ҶДММ соҳибкории шабакавии «Сабзина» гузаронида, қайд менамоянд, ки онҳо аз истифодаи васеи телекоммуникатсияи рақамӣ даромади нисбатан зиёдро ба даст мегиранд. Ғайр аз ин фаъолияти пурсамари ҶДММ «Дилписанд»-ро қайд кардан ба маврид аст, зеро ин корхона бо истеҳсол ва тиҷорат машғул мебошад ва бо бренди "Самбӯсаи 33" машҳур аст (саҳ.14).

Дар автореферати диссертатсия мувофиқи дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва рушди иқтисодиёти шабакавии ҷаҳон вобаста аз хусусияти хоса ба 4 гуруҳ ҷудо карда шудааст: а) пешвоёни рушди иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ (Чин, Британияи Кабир, Ҷопон ва

Олмон); б) иқтисодиёти шабакавӣ дар давлатҳои ҷанубӣ-шарқии Осиё; в) иқтисодиёти шабакавии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва соҳибкории шабакавӣ дар ИМА, ки хиссаи муаллиф ба илми иқтисод мебошад (саҳ.12).

Соҳибкории шабакавӣ ба воситаи интернет сурат мегирад ва барои анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ (хариду фурӯши мол ва хизматрасонӣ) имкониятҳои махсус фароҳам меорад, ки бо рушду равнақ васеъ мегардад.

Муаллиф дар кор исбот намудааст, ки такмили ҳамкории давлат ва тиҷорат, васеъшавии доираи фаъолияти он, аз ҷойгиркунӣ ва амал кардани соҳибкории шабакавӣ иборат мебошад (саҳ.18).

Аммо дар кори тақризшаванда, ба ҳамкорӣ бо давлатҳои ИДМ ва ҷаҳон эътибори кам дода шудааст.

Норасогии зикргардида қиммати баланди илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳад.

Диссертатсияи илмии Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)" таҳқиқоти илмии ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад, ки дорои ҷанбаҳои илмӣ ва амалии нави проблемаи таҳқиқшаванда аст. Вай ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссергатсияи номзадӣ мувофиқи талаботи пешбининамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ сазовор мебошад.

Тақризнавис:
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор
мудири кафедраи фаъолияти биржавии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон — Мирсаидов С.А.

Имзои д.и.и., и.в. профессор С.А. Мирсаидов-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14 ДДМИТ
тел.:(+992) 927802994, E-mail: surush-sa@mail.ru